

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№56 (4952)

ДУШАНБЕ,
5 МАЙИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj





## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**Дуюми майи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарию фармондеҳӣ дар Вазорати мудофиа, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва як қатор сохторҳои дигар таъиншавандаро барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Муҳиддин фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мирзозода Саломатшо муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ, Холмуҳамадзода Сорбон директори Агентии назорати давлатии энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муродализода Далер муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин гардиданд.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдурраҳмонзода Иноятулло муовини вазири мудофиа оид ба ақибгоҳ, Раҳмон Исломиддин директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, Раҷабзода Ҳайдаралӣ сардори Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Каримзода Насимҷон муовини якуми вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Норзода Шариф муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Ашурализода Абдураҳмон муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Олимзода Зоҳир муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радио, Қурбонзода Усмоналӣ муовини якуми директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Сатторзода Бобоҷон ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин гардиданд.

Ба ҳамин тартиб, ҳамчунин, роҳбарони Маркази миллии тарҷумаи назди Кумитаи забон ва истилоҳот ва маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» бо кадрҳои ҷавону варзида иваз карда шуданд.

Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон директори генералии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» Абдуллозода Исматулло ва муовинони ӯ дар робита ба санҷиши молиявӣ ва ошкор шудани камбудиҳои ҷиддӣ дар фаъолияташон аз вазифаҳо озод карда шуданд.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои роҳбарӣ ва фармондеҳӣ дар сохторҳои Вазорати мудофиа ва Қӯшунҳои сарҳадӣ кадрҳои ҷавону варзидаи соҳибтахассуси ин соҳаҳо таъин гардиданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат нахуст ба кадрҳои дар бахшҳои мудофиа ва ҳифзи сарҳади давлатӣ таъиншуда муроҷиат намуда, онҳоро, пеш аз ҳама, ба пурзӯр намудани назорати интизоми ҳарбӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии доимии ҷангии ҷузъу томҳои низомӣ, аз худ намудани забонҳои байналмилалӣ ва техникаю технологияи муосири ҳарбӣ ва бахусус ба хизмати содиқонаю софдилона ба Ватан ва мардуми Тоҷикистон ҳидоят намуданд.

Дастуру тавсияҳои мушаххас, ҳамчунин, доир ба тақвият бахшидани тартибу низом ва назорат дар ҳамаи самтҳои фаъолияти сохторҳои номбурда, аз ҷумла пурзӯр намудани назорат дар истифодаи сариштакоронаи неруи барқ, кам кардани талафоти техникӣ ва пешгирӣ аз истифодаи ғайриқонунии он, дода шуд.

Таъкид гардид, ки ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, бахусус дар мақомоти назоратӣ, ба савияи донишу маҳорат, касбият ва ҳисси масъулиятшиносии онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**Субҳи 5-уми майи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раисони ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод Зарина Идизода ва Қадриддин Фақерзода суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Зимни суҳбат гузориши раисони ҳар ду ноҳия, пеш аз ҳама, доир ба рафти бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ, барқарорсозии хонаву иншооти зарардида ва сохтмони манзилҳои нави зист барои оилаҳое, ки хонаҳояшон комилан вайрон шудааст, шунида шуд. Зикр гардид, ки корҳо, тибқи супоришҳои Пешвои миллат, дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла бартарафсозии оқибатҳои заминҷунбии шадиди 13 апрел рухдода, барқарорсозии хонаҳои мардум ва биною иншооти дигари зарардида ва ҳам сохтмони хонаву муассисаҳои нав, муташаккилона идома дорад. Раисони ҳар ду ноҳия бо арзи сипос ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки дар пайи расидани кумакҳои саривақтӣ, аз қабили хӯроквории, доруворӣ ва дигар лавозимоти тиббӣ, хаймаҳои зист, маводи сохтмонӣ ва техникаю таҷҳизоти зарурӣ ва бо ҷалби қувваи кофии корӣ аз ҳисоби наҷотдиҳандагон ва хизматчиёни ҳарбии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ ва дигар сохторҳои низомӣ, бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ хуб идома дорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки корҳо бо сифати хуб ва суръати баланд ба роҳ монда шаванд ва кӯшиш ба харҷ бояд дод, ки ҳар чӣ зудтар шароити зисти мардуми зарардида муҳайё гардад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ба ҷараёни корҳои кишоварзӣ, аз ҷумла киштукори баҳорӣ, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, доир ба муташаккилона, сари вақт ва босифат ба роҳ мондани корҳо ва истифодаи босамар аз ҳар ваҷаб замини корам дастуру тавсияҳо доданд. Таъкид гардид, ки ба кишти картошка, ки нони дуюм номида мешавад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд, то ки аз он ҳосили фаровон рӯёнида шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масоил, ҳамчунин, бо роҳбарони чанде аз вазорату идораҳои дахлдор суҳбати телефонӣ анҷом дода, ба онҳо низ барои суръат бахшидан ба корҳои зарурӣ супоришҳои мушаххас доданд.

**www.prezident.tj**

**Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум**

## МЕЪЁРИ РЕНТА БАРОИ СОДИРОТИ АШЁИ ХОМ ЗИЁД КАРДА ШУД



**Панҷуми майи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 63 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа як масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст. Пешниҳод мекунам, ки бинобар муҳимият лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» низ ба рӯзнома ворид карда шавад.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаи зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**(Давомаш дар саҳ. 3)**



## ТОҶИКИСТОН СОҲИБИ 11 МЕДАЛ ВА ҶОЙИ ЯКУМИ «DUSHANBE GRAND SLAM-2025»

**Дар Мусобиқаи байналмилалии «Dushanbe Grand Slam-2025», ки аз 2 то 4 май дар Қасри теннис ва маҷмааи варзишҳои обии шаҳри Душанбе баргузор шуд, дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо касби 11 медал (4 тилло, 3 нуқра ва 4 биринҷӣ) сазовори ҷойи якум гардид.**

Тавре аз Федератсияи байналмилалии ҷудо хабар доданд, дар «Dushanbe Grand Slam-2025» 226 варзишгар (123 мард ва 103 зан) аз 27 давлати ҷаҳон иштирок дошт.

Дар ин мусобиқаи сайри ҷаҳонии ҷудо, ки бори дуюм дар Душанбе баргузор шуд, ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон 36 варзишгар (28 мард ва 8 зан) дохил буд.

Дар мусобиқа дастаи мунтахаби Озарбойҷон бо гирифтани 4 медал (2 тилло ва 2 нуқра) сазовори ҷойи дуюм ва дастаи мунтахаби Фаронса бо гирифтани 7 медал (2 тилло, 1 нуқра ва 4 биринҷӣ) соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

Маблағи умумии ҷоизаҳои молии мусобиқа 154 ҳазор евроро ташкил дод. Ғолибони ҳар вазн (7 вазн байни мардон ва 7 вазн байни занон) бо 5000 евро, барандагони медали нуқра бо 3000 евро ва соҳибони медали биринҷӣ бо 1500 евро сарфароз гардонида шуданд.

Варзишгарон дар ин мусобиқаи байналмилалӣ дар баробари медалу ҷоизаҳои молӣ, инчунин, соҳиби имтиёзҳо дар феҳристи ҷаҳонии ҷудо шуданд. Аз ҷумла, ғолибони ҷойи якум 1000 имтиёз, ҷойи дуюм – 700, ҷойи сеюм – 500, ҷойи панҷум – 360 ва ҷойи ҳафтум 260 имтиёз ба даст оварданд.

Ёдовар мешавем, ки аввалин Мусобиқаи байналмилалии «Dushanbe Grand Slam» соли 2024 доир гардид, ки аз он паҳлавонони тоҷик 7 медал ба даст оварда буданд.

**Н. МУРОДБЕКОВА, «Садои мардум»**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сафарзода Ҷ.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафарзода Ҷамшед Сафар бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 майи соли 2025, №1024**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ озод намудани Назарзода Т.К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Назарзода Турабек Камол бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 майи соли 2025, №1025**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳимзода Р.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳимзода Раҳмоналӣ Ҳамро бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини якуми директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 майи соли 2025, №1026**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Муродализода Д.У.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Муродализода Далер Усмон муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 майи соли 2025, №1027**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тунис таъин намудани Каримӣ А.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Каримӣ Акрам Муҳаммадрасул ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тунис таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 майи соли 2025, №1028**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи директори Агентии назорати давлатии энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Холмуҳамадзода С.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Холмуҳамадзода Сорбони Амирхонӣ директори Агентии назорати давлатии энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 майи соли 2025, №1029**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Каримзода М.Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Каримзода Муҳиддин Тоҷиддин фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 майи соли 2025, №1030**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ таъин намудани Мирзозода С.Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Мирзозода Саломатшо Бозорбой муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 майи соли 2025, №1031**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №270, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Нодирӣ Ш.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Нодирӣ Шаҳноза Анвар бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №271, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ашурализода А.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №272, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Абдулваҳобзода Т.Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдулваҳобзода Темурҷон Назурулло бинобар вафоташ аз вазифаи директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №273, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмон И.Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмон Исломиддин Хайриддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №274, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» озод намудани Абдуалимзода Ҳ.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №275, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» озод намудани Абдуллозода И.Ф.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллозода Исматулло Файзулло аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №276, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Шарифзода З.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифзода Зайнулло Маҳмадулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №277, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Абдураҳмонзода Ҷ.У.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдураҳмонзода Ҷамила Уктамҷон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №278, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» озод намудани Раҳмонзода А.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмонзода Амрулло Абдулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №279, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» озод намудани Тоҳирҷонзода С.Ғ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Тоҳирҷонзода Сураҷ Ғуломмамад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №280, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ таъин намудани Абдураҳмонзода И.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдураҳмонзода Иноятулло Абдураҳмон муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №281, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини якуми вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Каримзода Н.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Каримзода Насимҷон Самиҷон муовини якуми вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №282, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ашурализода А.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №283, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Норзода Ш.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Норзода Шариф Сангинмурод муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №284, ш. Душанбе**
**Дар бораи директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳмон И.Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмон Исломиддин Хайриддин директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №285, ш. Душанбе**
**Дар бораи сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҷабзода Ҳ.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҷабзода Ҳайдаралӣ Раҷабалӣ сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №286, ш. Душанбе**
**Дар бораи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» таъин намудани Шарифзода З.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифзода Зайнулло Маҳмадулло директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №287, ш. Душанбе**
**Дар бораи ректори Муассисаи таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъин намуданиAtторзода Б.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ректори Муассисаи таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №288, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини якуми директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Қурбонзода У.Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қурбонзода Усмоналӣ Қурбон муовини якуми директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №289, ш. Душанбе**
**Дар бораи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» таъин намудани Неккадамзода И.Г.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Неккадамзода Илол Гулбек роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №290, ш. Душанбе**
**Дар бораи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» таъин намудани Собирзода Ҷ.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Собирзода Ҷамшед Абдусаид роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №291, ш. Душанбе**
**Дар бораи директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума»-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Дӯстзода Ҳ.Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума»-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 майи соли 2025, №292, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Олимзода З.О.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Олимзода Зоҳир Олим муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## Ба истиқболи 80-солагии Ғалабаи бузург

# ИТТИҲОДУ ЯКДИЛӢ
## Неруе, ки фашизмро шикаст дод



**Мардуми Тоҷикистон имсол дар қатори дигар халқҳои собиқ шуравӣ 80-солагии Ғалаба бар фашизмро ботантана ҷашн мегиранд. Мо имрӯз ҳақ дорем бо ифтихору сарбаландӣ иброз намоем, ки фарзандони шарафманди Тоҷикистон якҷо бо дигар халқу миллатҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар ин ғалабаи бузург саҳм гирифтанд ва аз имтиҳони мудҳиши таърих бо сари баланд гузаштанд.**

Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз шаҳри Роғун беш аз 1000 нафар ҷавонмардон ба фронт сафарбар шуда буданд, ки аз ин шумора зиёда аз 650 нафарашон дар рафти муҳорибаҳо ҳалок гаштанд. Зиёда аз 350 нафар бо ордену медалҳои ҷангӣ ва ҷароҳатҳои ҷангӣ ба зодгоҳашон баргаштанд ва то охирин лаҳзаҳои ҳаёташон барои рушду ободии Ватан садоқатмандона хизмат карданд. Ин рақамҳоро зимни ҷустуҷӯҳо ва таҳқиқотҳо ҷамъоварӣ намудем. Шояд теъдоди иштирокчиёни ҷанг зиёдтар бошанд, зеро як қисми аҳолии минтақа солҳои гуногун ба собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ муҳоҷир карда шуданд. Дар шаҳри Роғун имрӯз иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва заҳматкашони ақибгоҳ боқӣ намондаанд. Охирин иштирокчӣ Дӯст Умаров 10 октябри соли 2020 вафот кард.

Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ғайр аз он ки аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ дошт, башариятро ҳушдор дод, ки халқҳою миллатҳои гуногун, новобаста аз ҷаҳонбинии сиёсӣ, маънавӣ ва динию мазҳабиашон, агар муттаҳид ва якдилу якмаром шаванд, метавонанд ҳама гуна неруҳои бадхоҳи инсониятро саркӯб ва мағлуб созанд.

Дар замони бархӯрди тамаддунҳо, тезутундшавии вазъи геополитикии ҷаҳон ва вазъи ноустувори сиёсӣ дар бисёр минтақаҳо ба мо зарур аст, ки дӯстию рафоқати халқу миллатҳоро пурра барқарор намоем. Мо - насли имрӯз қаҳрамонию далерӣ ва ҷонбозиҳои падарону бобоёнро ба насли наврас ва ҷавонон пайваста тарғиб намоем, дар ниҳоди онҳо ҳисси ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва садоқатмандиро нисбат ба Ватан тарбия намоем. Ҷавонони мо бояд ватандӯст, худшиносу худогоҳ бошанд, то ки мисли бобоёну падарони худ марзу буми Ватани азизамон - Тоҷикистон, дастовардҳои даврони истиқлолият ва ваҳдати миллӣ, ки бо ҷаҳду талошҳои пайваставу шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноил шудаем, ҳифз карда тавонанд ва баҳри рушду ободии кишвари азизамон саҳмгузор бошанд.

**Абдухолиқ ҶОЙЛОБОВ,**
**раиси шурои собиқадорони ҷангу меҳнати шаҳри Роғун**

**Антон пои луч дар миёни хуну оташ медавид. Дар дили модар алов рехт. Мабодо почаҳояш ба ҳам печаду ё ба замин афтад. Ё зери тиру туфанги душман монад. Дили модар ларзиду аз паси тифлакаш давид. Садои тир баланд гашту модар аз хоб бедор шуд. Оби чашмонаш дар сари мижгонҳо чун шаддаи марворид медурахшиданд.**

- Парронед, парронед! - садои даҳшатангезе ба гӯши модар расид. Ҳис кард, ки ба ҳавлӣ фашистҳо даромадаанд. Доду фарёди онҳо фазоро меларзонд. Боҳарос аз ҷой бархост ва худро дар як он ба хонаи хоби писараш расонд:

- Хез, писарам, хез, Антон! – бо ҳаяҷон кӯрпаро аз рӯи писараш кашид ва ӯро аз тиреза ба замин фаров振арда, фарёд кашид:

- Гурез, ҷони оча! Гурез! Ба пасат нигоҳ накун!

Писарак давид. Овози модараш дар гӯшаш садо медод. Афтону хезон ба самти номаълуме шитофт. Дили нозукаш сахт-сахт мезад. Пойҳояш бемадор мешуд, гиря гулӯгираш кард. Оби чашмаш шашқатор мерехт. Ҳарчанд ваҳм дар дили кӯчакаш соя андохта буд, вале тан намедод, медавид. Тирҳои душман аз паҳлуяш виззосзанон мегузашт. Тарс вуҷуди кӯчакашро меларзонд, вале ба пушташ нигоҳ накарда медавиду медавид.

Фашистони сангдил на бар кӯдак раҳм доштанду на ба модар. Онҳо дувоздаҳ кас буданд. Андоми даҳшатангез ва чашмони бенур доштанд, одамияту тараҳҳум барояшон бегона буд. Онҳо зада ба хона даромаданд ва якеашон сӯи модар тир андохт. Ҷисми Анфиса ба рӯи фарш афтод. Камондорон аз тиреза сӯи писарак низ оташ кушоданд, вале ӯ ҷон ба саломат бурд. Дуртар аз хона дар миёни дарахтони боғе пинҳон шуд.

Манзараи даҳшатборе дар пеши чашмонаш пайдо гашт. Хонаҳо оташ гирифта, садои тирпарронӣ фазоро пур карда буд. Писарак чашмонашро пӯшиду бо дастони кӯчакаш гӯшҳояшро маҳкам кард ва инони гиряро сар дод. Ӯ қариб беовоз мегирист. Дар ҷисми кӯчакаш дигар тавоне намонд. Чанд соат гузашт, намедонад. Дар ҷои ғалтидааш хобаш бурд...

Дар хоб нолиш карду очаҷон гуфт. Модарашро хоб дид. Ӯ хам шуду писарашро бӯсид, бо лабони пур аз табассум дасти навозиш ба сараш ниҳод. Вуҷуди писаракро шодмонӣ фаро гирифт. Ранҷи кашидааш фаромӯш гашт.

Ӯ дигар чашм боз кардан намехост, метарсид, ки модараш мераваду боз танҳо мемонад...

Овози одамон Антонро аз олами рӯё ба худ овард. Чашм кушоду ба осмон нигоҳ кард. Офтоб бедареғ нур мепошид, балки механдид гӯё. Ба офтоб нафрат пайдо кард. Гумонаш офтоб ҳам ёри фашистони бераҳм буд.

Рӯз бегоҳ шуд. Абрҳо рӯи осмонро пӯшонданд ва осмон гӯё аз ҳодисаи рухдода мотам гирифт, чодари сиёҳ пӯшид ва майли гиристан кард. Ниҳоят худро холӣ кард. То саҳар беист бориду борид. Антон зери борон тар шуду ларзид. Дастонашро, ки аз сардӣ кабуд шуда буданд, бо ҳаври даҳонаш гарм кард.

Саҳар аскарони сурх ӯро пайдо намуда, ба қисми ҳарбӣ оварданд. Шикамашро сер намуданд. Захмҳояш оҳиста-оҳиста шифо ёфт. Ҳама дӯсташ доштанд. Яке аз сарбозон ба ӯ дурбин туҳфа кард. Дар ҷанг ёрирасон шуд, тир меовард, ба захмиён кумак мекард.

Рӯзе дурбин дар даст ба баландие баромаду атрофро аз назар гузаронд. Ногоҳ чашмаш ба сарбозони душман афтод, ки зери тӯдаи алаф пинҳон шуда буданд. Зуд хабар расонд...

Душманон асир афтоданд. Барои далерию ҳушёриаш ба Антон раҳматнома эълон карданд, ӯро бо ифтихору меҳрубонӣ «Писари полк» мегуфтанд.

Ғалаба ба даст омад. Ба Антони далеру шуҷоъ рутбаи ифтихории «Сарбози Ватан»-ро доданд.




**Гулбаҳор РАҲМОНОВА,**
**«Садои мардум»**

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Дуюми майи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

**Панҷуми майи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

**«Садои мардум»**



# МУЛОҚОТИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БО ҶАВОНОН

**2-юми майи соли 2025 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода дар доираи курси «Пайравони Пешвои миллат» бо як гурӯҳ ҷавонони кишвар мулоқот намуд.**

- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замири ҷавонони кишвар ҳамчун Асосгузори давлати навини тоҷикон ва муаррифгари асили миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ нақши воло доранд. Бинобар ин, ҷавонон бояд бештар илм омӯзанд, ба забономӯзӣ машғул шаванд, дастуру раҳнамоиҳои Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кору фаъолияти худ қарор диҳанд, - таъкид намуд Файзалӣ Идизода.

Иброз гардид, ки дар марҳилаҳои рушди давлатдорӣ ва таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», консепсияву стратегияҳои давлатӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва амалигардонии як қатор барномаҳои соҳавии давлатӣ, мулоқотҳои пайваставу мунтазами Пешвои миллат бо намояндагони ҷавонони кишварамон, роҳандозии як зумра ҳавасмандиҳо, аз қабили Стипендияи президентӣ, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон ва эълон гардидани соли 2017 «Соли ҷавонон» дастовардҳои беназиру нотакрор дар ҳаёти ҳар як ҷавони хушбахти ҷумҳуриамон мебошад.

# ВОХӮРИИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БО МУҲАММАД САИД САРВАР



**5-уми майи соли 2025 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Саид Сарвар вохӯрӣ намуд.**

Дар мулоқот таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Исломии Покистон аз ҷумлаи аввалин кишварҳое мебошад, ки Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт. Ҳамзамон, 6 июни соли 1992 ҳар ду кишвар робитаҳои дипломатии худро расман ба роҳ монданд.

- Боиси хушнудӣ аст, ки робитаҳои стратегии Тоҷикистон ва Покистон аз пайвандҳои маънавию таърихии ҳар ду мардуми дӯст, инчунин, аз муносибатҳои бародаронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Шаҳбоз Шариф маншаъ мегирад. Муносибатҳои стратегӣ миёни ҳар ду кишвари дӯст дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва бо назардошти манфиатҳои тарафайн густариш ёфта истодаанд, - иброз дошт Файзалӣ Идизода.

Зикр шуд, ки Маҷлиси намояндагон аз густариши устувори ҳамкорӣ бо Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Исломии Покистон манфиатдор буда, муколама, мубодилаи сафарҳои расмии ҳайати гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарлумониро идома хоҳад дод. Барои ҳамкории судманд ва мушаххас гардонидани муносибатҳои ҳар ду кишвар чӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат ва чӣ дар бахшҳои мухталифи иҷтимоиёт имкониятҳои то ҳол истифоданашуда зиёданд.

Дар рафти мулоқот таъкид шуд, ки табодули таҷрибаи вакилони ҳар ду кишвар ба нафъи тарафҳо буда, барои пешрафти фаъолияти қонунгузорӣ мусоидат хоҳад кард.

**М. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**



# МЕЪЁРИ РЕНТА БАРОИ СОДИРОТИ АШЁИ ХОМ ЗИЁД КАРДА ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо мақсади амалинамоии ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар, таҳия шудааст, пешниҳод гардидааст.

Ҳадаф аз таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур пешгирии содироти ашёи хом ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард гардидани металлҳои қиматбаҳо, ранга, нодир, сиёҳ, радиоактивӣ, ашёи хоми химиявии кӯҳӣ, сангҳои қиматбаҳо ва бо ҳамин васила таъмин намудани рушди соҳаи саноати коркард ва таъсиси ҷойҳои нави кории доимӣ ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи моддаи 325 Кодекси андоз меъёри рентаи содиротӣ аз 1 январи соли 2023 2 фоиз, аз 1 январи соли 2025 4 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 ба андозаи 6 фоизи арзиши фурӯши молҳо пешбинӣ гардидааст. Новобаста аз ин, тибқи маълумоти оморӣ содироти консентратҳо сол то сол тамоюли зиёдшавиро касб намудааст. Дар лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда меъёри рента барои содироти маҳсулоти ашёи хоми коркарднашуда (ба истиснои калоба, ресмони пахтагин ва риштаи абрешимӣ) аз 1 июни соли 2025 8 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 10 фоиз пешбинӣ шудааст. Бо мақсади кам кардани таъсири ноустувории иқтисодӣ ба фаъолияти корхонаҳои ресандагӣ нисбат ба содироти калоба, ресмони пахтагин ва риштаи абрешимӣ меъёри амалкунандаи рентаи содиротӣ (дар солҳои 2025 ва 2026 бо меъёри 4 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 бо меъёри 6 фоиз) бетағйир нигоҳ дошта шудааст.

Дар маҷмуъ, қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои дар дохили кишвар коркард гардидани маҳсулоти ашёи хом ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Тоҳир Набизода дода мешавад. Марҳамат.

**Тоҳир НАБИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.



Қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои дар дохили кишвар коркард гардидани маҳсулоти ашёи хом, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳамзамон, барои ба буҷети давлатӣ ворид гардидани маблағҳои иловагӣ мусоидат менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ гардида, расмиёти дохилиро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни зикргардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - **Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба кори ҷаласа то соати 16:00 танаффус эълон менамоям.

*Пас аз таннафус.*

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 61 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки кори ҷаласаро идома диҳем.

Дар ҷаласа вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода иштирок дорад.

Ба баррасии масъалаи дуюми рӯзнома оғоз менамоем. Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» сухан ба вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Эмомалӣ СОБИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», ки ба баррасии шумо пешниҳод гардидааст, аз ҷониби Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ворид кардани иловаҳои дахлдорро ба моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» пешбинӣ намуда, аз ҷониби сарбозони дорои маълумоти олӣ идома додани хизмати ҳарбиро дар вазифаҳои афсарӣ ва прапоршикӣ ба танзим медарорад.

Бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» дар таҳрири нав шумораи сарбозоне, ки дорои маълумоти олӣ буда, тибқи даъват хизмати ҳарбиро адо менамоянд ва ихтиёран барои идомаи хизмати ҳарбӣ дар вазифаҳои афсарӣ ва прапоршикӣ хоҳиш доранд, зиёд гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ки сарбозону сержантони дорои маълумоти олӣ, ки кафедраҳои ҳарбиро хатм намудаанд, метавонанд баъд аз адои 3 моҳи хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок бо тартиби ихтиёрӣ барои идомаи хизмат дар вазифаҳои афсарӣ ва хизматчиёни ҳарбие, ки кафедраҳои ҳарбиро хатм накардаанд, ба вазифаҳои прапоршикӣ қабул шаванд.

Дар баробари ин, бояд зикр кард, ки дар кафедраҳои ҳарбии донишгоҳҳои тиббии кишвар шаҳрвандони ҷинси зан таҳсил намуда, бо мақсади танзим намудани тартиби додани рутбаи аввалини ҳарбии афсари эҳтиётӣ ба шаҳрвандони ҷинси зан ба моддаи 59 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» илова ворид карда мешавад.



Қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои пуррагардонии Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ бо мутахассисони соҳавӣ аз рӯи ихтисосҳои камёфт аз ҳисоби шаҳрвандони дорои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Насрулло Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Насрулло МАҲМУДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, ворид намудани иловаҳоро ба моддаҳои 38 ва 59 қонуни мазкур дар бар мегирад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади ба танзим даровардани ба таври ихтиёрӣ дохил шудан ба хизмати ҳарбӣ дар вазифаҳои афсарӣ ё прапоршикӣ аз ҷониби сарбозоне, ки дорои таҳсилоти олӣ мебошанд, инчунин, додани рутбаи аввалини ҳарбии афсари эҳтиёт ба занон таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки солҳои охир таваҷҷуҳи ҷавонон ба хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар гардида истодааст. Пеш аз муҳлат иҷро шудани нақшаи даъвати ҷавонон барои хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳ шаҳодати он мебошад.

Тибқи меъёрҳои амалкунанда сарбози дорои таҳсилоти олӣ, новобаста аз таҳсил дар кафедраҳои ҳарбӣ, пас аз як соли хизмати ҳарбии муҳлатнок ҳуқуқи гирифтани рутбаи якуми афсариро пайдо менамуд.



Лоиҳаи қонуни муҳокимашаванда дар ҷалби ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ба сифати афсарон ва прапоршикҳо нақши ҳавасмандгардонӣ низ дошта, ҳамзамон, ба пуррагардонии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар бо афсарону прапоршикҳо мусоидат мекунад.

Лоиҳаи қонуни мазкур дифферентсиатсияи додани рутбаҳои афсарӣ ва прапоршикиро таъмин менамояд, ки вазири мудофиа дар маърӯзаи худ қайд намуд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният бо мақсади баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» расмиёти дохилиро мувофиқ ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонд. Кумитаҳо ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро пурра ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон, матни забони русӣ бо матни забони тоҷикӣ мувофиқ гардонида шуд. Аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»-ро, ки ба Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад, ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - **Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 429031 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмир ва хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизот | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 11.05.2025 14:30:00 |
| 2 | 429035 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Таъмири лабораторияи №103 дар ошёнаи 1-уми Институти физикаю техника, таъмири ҳуҷраи посбонҳо ва таъмири болопӯши даромадгоҳи Институти физикаю техникаи ба номи С. У. Умаров, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 299 – и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.05.2025 14:55:00 |
| 3 | 429010 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №157»- и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 12.05.2025 16:18:39 |
| 4 | 429003 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти муҳофизатӣ барои маводи имтиҳон | Озмуни кушод | Мол | 3 | 21.05.2025 15:10:00 |
| 5 | 429004 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ ва сантехникӣ, техникаи маишӣ, асбобҳои дастӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 48 | 21.05.2025 15:35:00 |
| 6 | 429006 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Камераҳои видеоӣ-назоратӣ, видеорегистраторҳо, ноқилҳо, картриҷҳо ва таҷҳизоти техникаи идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 21.05.2025 15:40:00 |
| 7 | 429007 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Бензин, сӯзишвории дизелӣ ва равғанҳои автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 21.05.2025 15:50:00 |
| 8 | 429008 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагӣ ва барқӣ, маводи масрафӣ ва техникаи идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 69 | 21.05.2025 16:00:00 |
| 9 | 429009 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Бӯстон» | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 72 | 21.05.2025 16:10:35 |
| 10 | 429011 | Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Институти чорводорӣ ва чарогоҳҳо | Таъмири бино ва иваз намудани тирезаҳои куҳна дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Институти чорводорӣ ва чарогоҳҳо | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.05.2025 16:30:00 |
| 11 | 429015 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии нақлиёт | Озмуни кушод | Мол | 14 | 22.05.2025 08:16:00 |
| 12 | 429016 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе | Либоси махсус | Озмуни кушод | Мол | 5 | 22.05.2025 08:23:00 |
| 13 | 429017 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 22.05.2025 08:26:00 |
| 14 | 429018 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Молҳои сантехникию хоҷагидорӣ, таҷҳизоти рӯшноидиҳандаю электрикӣ | Озмуни кушод | Мол | 46 | 22.05.2025 08:56:01 |
| 15 | 429020 | Ширхоргоҳ-кӯдакистони №18-и шаҳри Хуҷанд | Катҳои дуқабата | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.05.2025 09:14:11 |
| 16 | 429019 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рафҳои ҳаракаткунандаи бойгонӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.05.2025 09:30:00 |
| 17 | 429022 | Агентии обуҳавошиносӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 22.05.2025 10:35:34 |
| 18 | 429023 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 22.05.2025 11:15:35 |
| 19 | 429024 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №136»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 22.05.2025 11:26:08 |
| 20 | 429026 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №12-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 22.05.2025 11:35:35 |
| 21 | 429027 | Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мастчоҳ | Молҳои канселярӣ, ниҳолҳо, либос, хӯрокворӣ, матои баннерӣ, термос барои бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мастчоҳ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 22.05.2025 11:45:35 |
| 22 | 429028 | Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагӣ, электрикӣ ва сантехникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, молҳои масрафшаванда, курсӣ ва курсиҳои 3 ҷои нишастдор, картриҷ, таҷҳизоти техникӣ ва идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 73 | 22.05.2025 13:35:21 |
| 23 | 428831 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Санъат ва меҳнат» синфи 2 | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 22.05.2025 13:45:00 |
| 24 | 429030 | Маркази саломатии шаҳри Роғун | Маҳсулоти чопӣ, молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 46 | 22.05.2025 13:50:00 |
| 25 | 428830 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Суруд ва мусиқӣ» синфи 2 | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 22.05.2025 14:00:00 |
| 26 | 429032 | Муассисаи давлатии таълими томактабии кӯдакистони №1-и ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 22.05.2025 14:20:15 |
| 27 | 429033 | Муассисаи давлатии «Маркази мубориза бар зидди бемории сил»-и вилояти Суғд | Иҷрои корҳои таъмиру рангубории намои бинои маркази Муассисаи давлатии «Маркази мубориза бар зидди бемории сил»-и вилояти Суғд бо корҳои рангу ороишӣ дар вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 22.05.2025 14:47:50 |
| 28 | 429034 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникавии №1»-и шаҳри Хуҷанд | Техникаҳои маишӣ, техникаҳои идоравӣ, деги барқӣ, сейф ва газонокосилка | Озмуни кушод | Мол | 11 | 22.05.2025 14:50:35 |
| 29 | 429037 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон | Маводи зиддисӯхтор, шлангҳо, экипировка, кафкунанда ва қуттии гузариши механикии автомашинаи Донгфенг | Озмуни кушод | Мол | 25 | 22.05.2025 15:00:35 |
| 30 | 428829 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Суруд ва мусиқӣ» синфи 3 | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 22.05.2025 15:20:00 |
| 31 | 428803 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» синфҳои 10-11 | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 22.05.2025 15:40:00 |
| 32 | 428797 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи китоби «Тарзи ҳаёти солим» синфҳои 3-4 | Озмуни кушод | Хизматра-сонӣ | 1 | 22.05.2025 16:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ
# ЗАПРОС НА ПРЕДОСТАВЛЕНИЕ КОНКУРСНЫХ ЗАЯВОК/ТОВАРЫ (ПРОЦЕСС ДВУХКОНВЕРТНЫХ ТОРГОВ)

**Страна:** Республика Таджикистан

**Название проекта:** Проект «Повышение готовности и устойчивости к стихийным бедствиям в Таджикистане»

**Название контракта:** Закупка оборудования радиосвязи для подразделений КЧС и ГО, расположенных на территориях (Лоты 1, 2, 3)

**Грант №:** D9780-TJ

**ИН проекта:** P177779

**Номер заявки на предложение:** COE/TPRDP/G-RFB-02

1. Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка на покрытие расходов Проект «Повышение готовности и устойчивости к стихийным бедствиям в Таджикистане» и намерен направить часть средств на выплаты по контракту на закупку оборудования радиосвязи для подразделений КЧС и ГО, расположенных на территориях, которое является следующим:

**ЛОТ 1:**

| Номер позиции | Описание товара | Количество | Единица измерения |
|---|---|---|---|
| 1 | Спутниковая РТТ портативная радиостанция | 9 | штук |
| 2 | Спутниковая РТТ-база/мобильная радиостанция | 5 | штук |
| 3 | Базовая радиостанция УКВ | 50 | штук |
| 4 | Мобильная УКВ-радиостанция | 20 | штук |
| 5 | Портативная радиостанция УКВ | 200 | штук |

**ЛОТ 2:**

| Номер позиции | Описание товара | Количество | Единица измерения |
|---|---|---|---|
| 1 | Базовая радиостанция КВ | 40 | штук |

**ЛОТ 3:**

| Номер позиции | Описание товара | Количество | Единица измерения |
|---|---|---|---|
| 1 | Передвижная лаборатория | 1 | штук |
| 2 | Техническое обслуживание в НЦУКС | 1 | комплект |
| 3 | Запчасти | 1 | комплект |

2. Группа по реализации проекта (ГРП) «Проекта по обеспечению готовности и устойчивости к стихийным бедствиям в Таджикистане (PREPARED)» настоящим приглашает правомочных участников подать запечатанные заявки на поставку оборудования радиосвязи для подразделений КЧС и ГО, расположенных на территориях (Лоты 1, 2, 3).

3. Торги будут проводиться методом Запрос на предоставление конкурсных предложений (ЗПКЗ), как указано в «Правилах закупок для заемщиков ИПФ» Всемирного банка от июля 2016 г., пересмотренного в ноябре 2020 г. («Правила закупок»), и открыты для всех правомочных поставщиков, как определено в Правилах закупок.

4. Заявки будут оцениваться в соответствии с процессом оценки, изложенным в тендерной документации. Следующие веса применяются к рейтинговым критериям (включая технические и неценовые факторы): 40% и к стоимости заявки: 60%.

5. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить тендерную документацию на **английском языке**, подав письменную заявку по указанному ниже адресу:

Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан,
Группа по реализации проекта (ГРП).
Вниманию: г-на Сулаймона Исозода, Директора ГРП КЧС и ГО
Адрес: ул. Лохути 26, г. Душанбе, Таджикистан
Электронная почта: **isozoda.sulaymon@mail.ru, coordinator@coescd.tj, ps@coescd.tj**

Тендерная документация будет отправлена **по электронной почте в формате PDF всем заинтересованным участникам торгов**.

Полный пакет запроса на участие в торгах также можно найти по ссылке:
**https://cloud.mail.ru/public/sd93/SXwVatejc**

6. Запросы на разъяснения должны быть получены покупателем не позднее, чем за: 7 дней до истечения срока подачи заявок.

7. Внимание заинтересованных Поставщиков обращается на пункты 1.6 и 1.7 политики Всемирного банка, в которых говорится, что фирмы или лица, участвующие в закупках в рамках финансирования инвестиционных проектов Банка, не должны иметь конфликта интересов.

8. Тендерные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу не позднее крайнего срока подачи заявок **15:00 часов** (по времени Душанбе) **16 июня 2025 года**. Электронные торги **не допускаются**. Поздние торги будут отклонены. Внешние конверты с тендерными предложениями с пометкой «ОРИГИНАЛЬНОЕ ПРЕДЛОЖЕНИЕ» (с указанием COE/TPRDP/G-RFB-02 LOT-1 или COE/TPRDP/G-RFB-02 LOT-2 или COE/TPRDP/G-RFB-02 LOT-3 или все вместе) и внутренние конверты с пометкой «ТЕХНИЧЕСКАЯ ЧАСТЬ» будут публично вскрыты в присутствии назначенных представителей Участников торгов и любого, кто пожелает присутствовать, по указанному ниже адресу. Все конверты с пометкой «ВТОРОЙ КОНВЕРТ: ФИНАНСОВАЯ ЧАСТЬ» должны оставаться невскрытыми и будут храниться на хранении Покупателя до второго публичного вскрытия.

9. Все заявки должны сопровождаться следующим обеспечением заявки:
Лот 1: 20 000,00 долларов США или эквивалент в свободно конвертируемой валюте;
Лот 2: 20 000,00 долларов США или эквивалент в свободно конвертируемой валюте;
Лот 3: 6 000,00 долларов США или эквивалент в свободно конвертируемой валюте.

10. Обращаем внимание на Правила закупок, требующие от Заемщика раскрытия информации о бенефициарной собственности победителя торгов в Уведомлении о присуждении контракта с использованием Формы раскрытия информации о бенефициарной собственности, включенной в тендерную документацию.

11. Адрес для подачи заявки, указанной в пункте 8 выше:
Государственный Комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан.
ул. Шохтемура 27, 1 (первый) этаж, тендерный ящик №1.
734025, г. Душанбе, Таджикистан.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба Одинаев Муҳаммад Муродалиевич додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва гувоҳномаи гумшуда дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 28 июли соли 2020 ба намояндагии ҶДММ корпоратсияи «Енцзиен» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (РЯМ 0220002420, РМА 020053511) додааст, эътибор надоранд.

Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба Пулотов Фаррух Фарҳодович додааст, эътибор надорад.

Парвандаи заминсозии гумшуда, ки он дар Кумитаи замини шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Мирзобек, хонаи 99А, ба номи Файзуллоев Нурулло ба расмият даровarda шудааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Хуҷандӣ, хонаи 8, ба Тиллоева Майсара Тоҷидиновна додааст, эътибор надорад.

Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши маркази савдо, ки онро Идораи нотариалии давлати ноҳияи Шоҳмансур бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Мирзобек, хонаи 99А, ба Раҷабов Фахридин додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1209726, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №95-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2023 ба Мамажонзода Оишаи Азизҷон додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Кофарниҳон, хонаи 70, ба Лолаев Анвар Аллаёрович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «Боҳир» (РЯМ 1410004668, РМА 140007492), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод 21 феврали соли 2025 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Нури Ҳайдар» (РЯМ 1210014979, РМА 120045483), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 6 феврали соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Низоми молиявӣ» (РЯМ 0210034257, РМА 020060517), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 17 сентябри соли 2024 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Разин» (РЯМ 0410037210, РМА 040059413), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 27 августи соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Ком Нур» (РЯМ 1210000752, РМА 120033114), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 21 октябри соли 2009 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Хушсафо» (РЯМ 0110026785, РМА 010103051), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур 18 июни соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Каи Азия» (РЯМ 0210024009, РМА 020048180), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 25 октябри соли 2016 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Наҷиба Муродбекова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 5 майи соли 2025, соати 14:45 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35305 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97